ХУЛОСАИ НИҲОИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-081-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» оид ба кори Зафари Шариф, дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ), пешниҳод шудааст.

**Парвандаи аттестатсионии №1 соли 2025, №3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафари Шариф**

Диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-081-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (734032, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 73а), бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №406/шд таъсис ёфтааст) аз 06 марти соли 2025 ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Зафари Шариф 21.07.1992 таваллуд шудааст.

Соли 2015 факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»-ро бо ихтисоси "Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ (таъмини иттилоотӣ)" (диплом ДТО №0178571) хатм намудааст.

Солҳои 2015 то 2017 дар вазифаи мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода", кор кардааст. Соли 2016-2017 дар зинаи магистратура аз рӯйи ихтисоси "Китобхонашиносӣ

ва китобшиносӣ” таҳсил намуда, онро хатм кардааст (диплом ДМА№0001123). Соли 2018 мудири китобхонаи илмии Донишкада, ҳамзамон ассистенти кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ, аз моҳи августи соли 2018 дар вазифаи муовини декани факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ, солҳои 2018 то 2020 дар вазифаи мудири кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Донишкада фаъолият намудааст.

Зафар Шариф солҳои 2017–2020 дар докторантураи PhD дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» аз рӯйи ихтисоси “Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ” таҳсил карда, таҳқиқоти илмиро идома бахшида, мазмуну мундариҷаи рисолаи илмиро тибқи талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур ба анҷом расонидаст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳоро Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» аз 21.02.2023, №317 додааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Зафари Шариф дар шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” аз 29 январи соли 2018 таҳти № 06 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: Шосаидзода Сафар Ҳасан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода».

Диссертатсияи Зафари Шариф дар кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» иҷро шуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи китобхонашиносӣ ва бибиографишиносӣ 24-уми декабри соли 2024 суратҷаласаи №4 муҳокима ва барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниход шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 6 номгӯи мақолаҳои илмии доавталаб дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 06 марти соли 2025 (суратҷаласаи №3) диссертатсияро ба ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба рӯзи ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат тибқи муқаррарот дар сомонаҳои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 14.03.2025 ҷой дода шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 16.04.2025 ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матн 80,86%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар мӯҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби довталаб ба Шурои диссертатсионӣ тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва расмияти даровардa шуда, дар парвандаи аттестатсионии докторант маҳфузанд.

Роҳбари илмӣ – Шосаидзода Сафар Ҳасан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», муассисае, ки дар он таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷро шудааст – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», ва муқарризони расмӣ – **Сукиасян Гагик Арамович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи осорхонашиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Арманистон ба номи Х. Абовян ва **Абдумуминзода Ситора** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи магистратура, докторантура (PhD) ва унвонҷӯёни Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ба диссертатсияи Зафари Шариф баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, аз 17.04.2025, суратҷаласаи №4, ки он аз ҷониби эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи фаъолияти ичтимоӣ-фарҳангии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадкиқотии фарҳанг ва иттилоот Хоҷаев Қурбон Тоҳирович ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ Ҷӯраев М. таҳия ва имзо гардида, дар маҷлиси Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилооти

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва муҳокима карда шуда, аз ҷониби Директори Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилоот, номзади илмҳои филологӣ Аминзода Абдуфатоҳ тасдиқ гардидааст, ба диссертатсия асосан баҳои мусбат дода, аз ҷумла, қайд намудааст, ки мубрамии мавзуи таҳқиқоти интихобнамудаи Зафари Шариф аз методҳои таҳқиқии муосир, алалхусус назариявӣ – барои таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ-методологӣ, психологӣ, педагогӣ (анализ, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ, мураттабсозӣ, моделсозӣ) ва эмпирикӣ (пурсиш, таҳлили мавод оид ба фаъолияти китобхонаҳо ва марказҳои методӣ, суҳбат, мушоҳида, мусоҳиба, худбаҳодиҳӣ, хулосаи экспертӣ, озмоиши педагогӣ, методҳои омории таҳлили маълумот ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ) ва ғайра огоҳона истифода бурда, мавзуъро ба таври комил ҳаллу фасл намудааст. Дар баррасиҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, овардани маълумоти дақиқ аз маъхазҳо, муҳокимарониҳои илмӣ ва хулосабарориҳои ҷолиб ифода ёфтааст.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби баррасмиятдарории диссертатсияҳо дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни муҳтавои диссертатсия ҷавобгӯ буда, барои доираи муҳити таҳқиқотӣ гузаронида шуда натиҷаҳои бадастомадаро маълум мақолаҳо ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои қобили таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Мантиқан дуруст мешуд, агар зербоби сеюм ба зербоби якум иваз карда шавад, чунки дар ин зербоб асосан шарҳу эзоҳи мафҳумҳои марбут ба таҳқиқот дода шудаанд ва сараввал ошноӣ бо ин зербоб барои дарки мафҳуму истилоҳи дигар зербобҳо шароит муҳайё месозад.

2. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия оид ба таҷрибаи пешқадами китобхонаҳо сухан меравад, аммо ягон мисол аз дастурҳои методие, ки ҳанӯз солҳои 60-и асри гузашта марбут ба ин масъала чоп шудаанд, ба монанди «Таҷрибаи пешқадами китобхонаҳои посёлкаи Пахтаобод» ва «Китобхонаи бачагонаи Регар» оварда нашудааст.

3. Дар диссртатсия осори чопкардаи Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, аз ҷумла маҷмуаи мақолаҳои «Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ" (Душанбе, 2018), ки дар он натиҷаҳои

таҳқиқоти баргузорнамудаи пажуҳишгоҳи мазкур чоп шудаанд, мавриди истифода қарор нагирифтаанд.

4. Дар рисола баъзан хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро халалдор намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажуҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Аз мутолиаи автореферат ва диссертатсия бармеояд, ки Зафари Шариф пажуҳишгари асил, босалоҳияту масъулиятшинос ва меҳнатдӯсту серталаб мебошад, касби худро дӯст медорад. Зафари Шариф дар рафти таҳқиқот маводи фаровон ва арзишмандро ҷамъ овардааст ва барои исбот намудани андешаҳои худ ба осори донишмандони ватаниву хориҷӣ, бахусус муҳаққиқони рус такя намуда, ақидаҳои худро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуъ баён карда, гоҳе ба андешаҳои онҳо ба назари интиқодӣ нигаристааст. Забони диссертатсия забони илмӣ буда, аз дониши муаллиф доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ дарак медиҳад. Диссертант аз методҳои таҳқиқии муосир, алалхусус назариявӣ – барои таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ-методологӣ, психологӣ, педагогӣ (анализ, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ, мураттабсозӣ, моделсозӣ) ва эмпирикӣ (пурсиш, таҳлили мавод оид ба фаъолияти китобхонаҳо ва марказҳои методӣ, суҳбат, мушоҳида, мусоҳиба, худбаҳодиҳӣ, хулосаи экспертӣ, озмоиши педагогӣ, методҳои омории таҳлили маълумот ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ) ва ғайра огоҳона истифода бурда, мавзуъро ба таври комил ҳаллу фасл намудааст. Дар баррасиҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, овардани маълумоти дақиқ аз маъхазҳо, муҳокимарониҳои илмӣ ва хулосабарориҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Диссертатсияи Зафари Шариф бо мубрамии мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва доираи таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст ва «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493), бо пурраги мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод мегардад.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот Ҳоҷаев Қурбон Тоҳирович мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи Шурои илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилоот, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Зафари Шариф иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи мазкур 15 нафар олимону ходимони илмӣ иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «бетараф» – нест, «муқобил» - нест. (қарор дар ҷаласаи Шурои илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилоот, таҳти №4 аз 17.04.2025 тасдиқ шудааст).

6 номгӯи мақолаҳои илмии унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**[1-М].** Шариф, З. Фановарӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди фаъолияти методии китобхонаҳои Тоҷикистон / З. Шариф // Гузориши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №4. – С.43-49. ISSN 2616-8944

**[2-М].** Шариф, З. Моҳият ва сохтори неруи инноватсионии китобхона: таҳлили самаранокии истифодабарии он / С. Шосаидзода, З. Шариф // Гузориши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – №4. – С.7-11. ISSN 2616-8944

**[3-М].** Шариф, З. Фаъолияти методӣ ҳамчун раванди идоранамоии дигаргуниҳо ва инноватсияҳои китобдорӣ / З. Шариф // Фарҳанг ва санъат. – 2019. – №1. – С.87-92. ISSN 2616-8944

**[4-М].** Шариф, З. Масъалаҳои таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо / З. Шариф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №5. – С.242-246. ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Шариф, З. Салоҳияти инноватсионии китобдорон - кафолати хизматрасонии босифати китобдорию иттилоотӣ [Матн] / З. Шариф // Паёмномаи фарҳанг . – 2023. –№1 (61). – С. 42-48. ISSN 2306-6423.

**[6-М].** Шосаидзода, С. Омилҳои рушди инноватсионии китобхонаҳо [Матн] / Шосаидзода, С., З. Шариф // Паёмномаи фарҳанг . – 2024. –№3 (67). – С. 36-46. ISSN 2306-6423.

Ба автореферат ва диссертатсия 6 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

1. **Олимҷон Муҳаммадҷонзода** - доктори илми филология, профессор. муқарриз қайд кардааст:

1. Бо вуҷуди он ки рисола бо забони равони адабии тоҷикӣ омода гардидааст, дар баъзе саҳифаҳои рисола ва фишурдаи он ғалатҳои имлоиву техникӣ роҳ ёфтаанд (саҳ. 2, 3, 4, 5, 11, 12).

2. Кор ба таври хуб тарҳрезӣ шуда, аз мисолҳои зиёди амалию муваффақонаи китобхонаҳои гуногунро дар бар мегирад. Хуб мешуд, ки диссертант дар ин радиф ба таҳлили хавфу монеаҳои эҳтимолӣ дар татбиқи навоварӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, барои бартараф намудани онҳо низ тавсияҳои мушаххас пешниҳод менамуд.

3. Дар рисола зарурати ба шароити муосир мутобиқ гардонидани китобхонаҳо таҳқиқ шуда, як силсила усули равишҳои муфид пешниҳод гардидааст. Тавсия дода мешуд, ки таҳқиқотҳо дар ин самт идома дода, на танҳо ба навоварӣ, балки ба татбиқи амалии онҳо низ таваҷҷуҳ карда шавад.

2. **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович**- номзади илмҳои филологӣ, Муовини директори Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон».

Муқарриз қайд кардааст:

1. Ғалатҳои имлоӣ дар автореферат дида мешавад. Масалан, дар саҳифаи 18 “маводди инноватсионӣ” омадааст, ки дар калимаи “маводди” як “д” зиёд аст.

2.Дар автореферат ягон иқтибос ва сарчашма нишон дода нашудааст. Агар сарчашмаҳои муҳим нишон дода мешуданд, беҳтар буд.

3. **Мирсаид Бахром Тоҳир** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд. Муқарриз қайд кардааст:

1. Муаллиф дар автореферат, ба истисноӣ зербоби сеюми боби дуюм мушаххасан аз вазъи инноватсионии ягон китобхона мисол намеоварад.

2. Ба назари мо, корбурди ибораи «давлатию оммавӣ», ки ҳам дар номи тадкиқоту дохили матн ба кор рафтааст, нодуруст буда, корбурди

он ба шакли «давлатии оммавӣ» дуруст менамояд, зеро тамоми китобхонаҳои оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатӣ мебошанд.

3. Дар автореферат имлои навишти бархе аз калимаҳо ғалат аст, монанди «осонокшуда» (саҳ.16), «фаромон» (саҳ.23) ва ғайра.

4. **Ёров Фозил Самӣ** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, раиси Иттифоқи касабаи кормандони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Муқарриз қайд кардааст:

1. Баъзе ғалатҳои техникии дар матни автореферат дида мешавад.

5. **Сафарзода Даврон Ҷурахон** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.

6. **Мираксзода Фаррун Юсуфӣ** - номзади илмхои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитахои байнифархангии Донишгохи байналмилалии забонхои хоридии Тодикистон ба номи Сотам Улугзода. Муқарриз эрод надорад.

Муқарризон ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд менамоянд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Зафари Шариф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-081 аз 06 марти соли 2025, №3, тибқи банди 61-и Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандиҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб корҳои зерин иҷро шудаанд:

-вазъи назарӣ ва таҷрибаи амалии пешқадами инноватсионии фаъолияти китобхонаҳои давлатии оммавӣ оид ба таъмини илмӣ-методии онҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст;

- омилҳои манфии раванди инноватсионии таъмини китобхонаҳои давлатии оммавӣ муайян, роҳҳои воқеъӣ ва механизмҳои бартараф кардани онҳо зимни омӯзиш ва таҳқиқ ошкор гардида, тавсия ва пешниҳодҳо оид ба рафъи онҳо манзур карда шудаанд;

- консепсияи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхона асоснок ва таҳия гардидааст, ки он ҷиҳати мукаммалгардони кори китобхонаҳо дар сатҳи миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ мусоидати фаъол менамояд;

- тасдиқ карда шудааст, ки бозбинӣ ва азнавсозии фаъолияти марказҳои ёрии методии китобхонаҳои давлатию оммавӣ, роҳандозии бонизоми инноватсияҳои китобдорӣ, ҷамъбаст ва ҷоринамоии таҷрибаи пешқадами инноватсионӣ боис мегардад, ки шаклу усулҳои фаъолияти китобхонаҳо такмил ёфта, ҷиҳати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба аҳолӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд.

**Аҳаммияти натиҷавии таҳқиқот барои назария бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- маҷмуи донишҳои назариявии китобхонашиносии ватанӣ оид ба фаъолияти марказҳои методӣ бо асосҳои нави илмии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо мукаммал мегардад;

- назария ва методикаи хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба истифодабарандагони китобхона дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти китобхона бо ғояи назариявӣ-методологии таъмини инноватсионӣ-методӣ ғанитар мегардад;

- барои коркарди илмӣ ва тавсеаи функсияи марказҳои методии сатҳи миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар самти ҷоринамоии навгониҳои китобдорӣ заминаи иловагии назариявӣ фароҳам меояд;

- барои муайян намудани роҳҳои ҳалли проблемаҳои илмии «монеаҳои раванди инноватсионӣ», «ташаккули салоҳияти инноватсионии китобдорон», «ташаккули фарҳанги инноватсионии китобдор» ва амсоли инҳо имконияти васеъ пайдо мегардад;

- консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо барои таҳияи нуктаҳои асосии асноди стратегии рушди соҳаи китобдорӣ ва таҳқиқоти оянда дар самти инноватикаи китобдорӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷавии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо дар шароити доимовусъатёбандаи рақобати бозори иттилоотӣ заминаҳои воқеӣ фароҳам меоянд;

- раванди идоракунии ҳайати китобхона дар шароити рушди инноватсионӣ самарабахш гардида, ҳавасмандии китобдорон барои зоҳир намудани ташаббусҳои инноватсионӣ бештар мегардад;

- барои омодасозӣ ва баланд бардоштани сатҳи салоҳияти инноватсионии мутахассисони оядаи соҳаи китобдорӣ маводди нави таълимӣ фароҳам оварда шудааст (бо пешниҳоди диссертант дар ДДФСТ ба номи М.Турсунзода таълими фанни «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона» ба роҳ монда шуда, дастури таълимӣ ва барномаи фан таҳия гардидааст);

- барои азнавсозии фаъолияти марказҳои ёрии методӣ ба китобхонаҳои давлатию оммавӣ, роҳандозии бонизоми инноватсияҳои китобдорӣ, омӯзишу ҷоринамоии таҷрибаи пешқадами инноватсионӣ, вусъати ташаббусҳои эҷодиву инноватсионии китобдорон ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ заминаи мусоид фароҳам меояд.

Саҳми шахсии довталаб иборат аст аз:

Ҷустуҷӯ ва таҳлили амиқи сарчашмаҳои гуногун оид ба мавзуъ, таҳияву асосноксозии илмии нуктаҳои муҳимтарини мавзуъ, муайян намудани объекту предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарду ҷамъбаст ва тафсири илмии натиҷаҳои он маҳсули чандинсола ва бевоситаи фаъолияти илмию таҳқиқотии муаллиф мебошад. Таҳия ва пешниҳоди амсилаи консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Ҷустуҷӯ ва таҳлили амиқи сарчашмаҳои гуногун оид ба мавзуъ, таҳияву асосноксозии илмии нуктаҳои муҳимтарини мавзуъ, муайян намудани объекту предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарди илмӣ, ҷамъбаст ва тафсири натиҷаҳои он маҳсули чандинсола ва бевоситаи фаъолияти илмию таҳқиқотии муаллиф мебошад. Таҳия ва пешниҳоди амсилаи консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад;

- дар омода ва нашр кардани рисолаи илмӣ 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-081 аз санаи 24.05.2025 қарори сазовор донистани Зафари Шариф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000

– Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 10 нафар, аз онҳо 4 нафар доктори илм, 6 нафар номзади илм, аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ – 10 нафар,
- муқобили додани дараҷаи илмӣ – нест,
- бюллетенҳои беэътибор –нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессор** **Латифзода Д. Н.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, номзади илмҳои**
**педагогӣ** **Раҳмонов А. А.**

Санаи барасмиятдарории хулоса – 24 майи соли 2025.